**Маълумотнома**
**доир ба фаъолияти литсей- интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**дар давоми соли 2019**

Муассисаи таълимӣ яке аз муассисаҳое мебошад, ки таълим бо 3 забон – забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ амал менамояд ва дар соли 2019 чун фаъолият дар солҳои пешин бо мақсади татбиқи Қонун ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паём ва дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои мушоварҳаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои муайянеро ба сомон расонд. Дар таълимгоҳ барои амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ аз қабили «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», «Барномаи инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020», «Консепсияи раҳнамоии касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028», Наврӯзи байналмилалӣ, оиди кабудизоркунӣ, ниҳолшинонӣ, ободу зебо гардонидан ва тозаву озода нигоҳ доштани бинои таълимӣ ва атрофи он нақша-чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ гардида, амалӣ гардонида шуданд. Аз ҷумла, дар соли 2019 бо мақсади тадбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” дар литсей як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд. Дар таърихи 30.09.2019, 12.10.2019, 30.11.2019 сол вохӯрӣ бо намояндагони ҳифзи ҳуқуқ дар якҷоягӣ бо падару модарон ва омӯзгорону кормандони литсей суҳбат дар атрофи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор гардид.

Дар литсей маъмурият дар якҷоягӣ бо омӯзгорони литсей фаъолияти хешро дар асоси Нақшаи дурнамо, нақшаи солона ва моҳона дар амал татбиқ намуда, пеш аз ҳама бо омӯзгорони соҳибтаҷриба ва ихтисосманд таъмин карда шудааст. Ҳар сол вобаста ба талабот дар литсей дарсҳои иловагӣ ташкил карда мешаванд, ки дар ташкили онҳо барномаҳои давлатӣ, аз қабили «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020», «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ба инобат гирифта мешавад.

Дар давоми соли 2019 бо хатмкунандагони синфи 11-ум дар моҳи январ доир ба интихоби ихтисосҳо суҳбат гузаронида шуда, бо мақсади муайян намудани дониши хонандагон тариқи Маркази тестии литсей аз рӯи

компоненти А ва В санҷиши тестӣ гузаронида шуд ва натиҷаи санҷиши тестӣ дар якҷоягӣ бо омӯзгорони фаннӣ ва падару модарон таҳлил ва муҳокима гардид;
- бо хонандагони синфи 9, 11 ва падару модарон доир ба баргузории имтиҳонҳои Маркази миллии тестӣ семинарҳои фаҳмондадиҳӣ доир гардид;
- дар литсей барои хонандагони синфҳои 9 ва 11 бо мақсади омодагӣ ба имтиҳонҳои ММТ гӯшаи «Роҳнамои довталаб» ташкил карда шуд;
-дар литсей маҳфили шоҳмотбозон ва маҳфили навозандагони асбобҳои халқӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд.

**Иштирок дар олимпиадаҳои фаннӣ яке аз самтҳои муҳими ҳар як муассисаи таълимӣ ба ҳисоб меравад. Хонандагони мо дар ин самт дар соли 2019 ба як қатор муваффақиятҳо ноил гардиданд.**

**1. Аз 3-юми январ то 6-уми январ олимпиадаи шаҳрӣ барои хонандагони синфи 9-11 аз фанҳои асосӣ доир гардид. (Наврасон)**

**Аз литсей иштирок намуданд:**

**Синфи 9-11 – 56 нафар**

**Синфи 5-8- 35 нафар**

| Маълумоти умумӣ | Синфи 9-11 | Синфи 5-8 |
|---|---|---|
| Иштирок карданд: | 56 | 35 |
| олибон: | 36 | 3 |
| Натиҷа: | 54,5% | 8,6% |
| Фанҳои гуманитарӣ: | 25 | 2 |
| Фанҳои дақиқ: | 11 | 1 |

| Синфҳо | Ҷойҳо | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| | I | II | III | |
| 9 | 1 | 3 | 11 | 15 |
| 10 | 3 | 3 | 7 | 13 |
| 11 | 2 | 1 | 5 | 8 |
| 5-8 | 1 | 0 | 2 | 3 |
| ҲАМАГӢ | 7 | 7 | 25 | 39 |

**Дар умум хонандагони литсей дар байни муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе аз ҳисоби медалҳои ба даст оварда, ҷойи 1-умро соҳиб гардиданд.**

**2. Олимпиада аз фанни забони англисӣ - HIPPO**
**Даври якуми олимпиада 16-уми феврал баргузор гардид. Дар ин олимпиада 159 хонанда аз литсей ширкат намуданд:**
**Синфи 3- 16 нафар**
**Синфи 4-5 – 51 нафар**
**Синфи 6 – 37 нафар**
**Синфи 7-8- 33 нафар**
**Синфи 9-10- 14 нафар**
**Синфи 11- 6 нафар**
**Даври дуюми олимпиада 29-уми март доир гардид. Аз литсей дар ин олимпиада 30 нафар ширкат намуданд.**
**Синфи 3- 1 нафар**
**Синфи 4-5- 12 нафар**
**Синфи 6- 8 нафар**
**Синфи 7-8- 9 нафар**
**Ба даври сеюм, даври финалии олимпиада, ки дар шаҳри Венетсия доир гардид, ягон нафар аз хонандагони литсей ҳуқуқи иштирок карданро пайдо накарданд.**
**3. Олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ:**
**16-17-уми март олимпиадаи ҷумҳуриявӣ (анъанавӣ) байни хонандагони синфи 11 доир шуд, ки аз литсей 10 нафар дар олипиадаи мазкур ширкат намуданд:**
**Забони давлатӣ -2 нафар**
**Химия – 2 нафар**
**Забон ва адабиёти тоҷик – 1 нафар**
**Забон ва адабиёти рус – 1 нафар**
**Таърих – 1 нафар**
**География - 2 нафар**
**Математика – 1 нафар**
**Аз инҳо танҳо хонандаи синфи 11В Шабнами Абдулло аз фанни забони давлатӣ ҷойи 2-юмро соҳиб шуд.**
**6-7-уми апрел олимпиадаи ҷумҳуриявӣ (даставӣ ва номӣ) баргузор шуд, ки дар он 8 нафар хонанда иштирок карданд:**
**Химия – 1 нафар**
**Математика – 2 нафар**
**Биология - 3 нафар**
**География – 3 нафар**

**Аз инҳо танҳо хонандаи синфи 11А Саъдизода Шаҳбоз аз фанни география ҷойи 1-умро соҳиб шуд.**
**4. Олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни математика (International Math Challenge VIII):**
**Ин олимпиада аз 8-ум то 12-уми март дар шаҳри Бангкок (Таиланд) баргузор шуд, ки дар он 22 давлати дунё бо 800 нафар намояндагони худ ширкат намуданд. Дар олимпиадаи мазкур намояндагони ҷумҳурии мо бори аввал ширкат намуданд. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 даста бо 42 нафар намояндагон баромад намуданд, аз ҷумла аз литсейи мо низ 3 нафар баъди гузаштани давраҳои интихобӣ (бо роҳбарии омӯзгори ҷавон Баротов Ҷонибек) дар ин олимпиада ҳуқуқи иштирокро пайдо карданд:**
**1.Саидов Суннат – синфи 8А**
**2.Тағоев Ансор – синфи 8А**
**3.Рашидов Азамат – синфи 9А**
**Олимпиада дар ду давр доир шуд:**
**- даври якум хонандагон фардӣ мубориза бурданд ва 1 медали тилло (Саидов Суннат), 1 медали нуқра (Рашидов Азамат), 1 медали биринҷӣ (Тағоев Ансор) ба даст оварданд. Бо ин натиҷаи ба даст оварда, ин се нафар хонанда тавонистанд, ки дар қатори 3 гурӯҳи ғолиб ба даври дуюм роҳ ёбанд ва қувваозмоӣ намоянд. Дар даври дуюм хонандагон гурӯҳӣ мубориза бурда, 3 медали тилло ва ба титули чемпион мушарраф гардиданд.**
**5. Олимпиада аз фанни математика (IMAS)**
**Олимпиадаи мазкур дар ду давр баргузор шуд. Дар даври якум, ки 23-юми декабри соли 2018 доир гардид, аз литсей 124 хонанда иштирок намуд. Даври дуюм 28-уми март баргузор шуд, ки 25 нафар иштирок намуданд:**
**Синфи 4-6 – 8 нафар;**
**Синфи 7- 1 нафар;**
**Синфи 8-9 – 10 нафар**
**6. Олимпиада аз фанни математика «Кенгуру»**
**Ин олимпиада 14-уми апрели соли 2019 доир шуд ва дар он 211 нафар хонандагон иштирок намуданд:**
**Синфи 3-4 - 104 нафар;**
**Синфи 5-6 – 78 нафар;**
**Синфи 7-8 – 27 нафар;**
**Синфи 9-10 – 2 нафар**
**7. Арифметикаи менталӣ**
**Дар литсей бо ҳамкорӣ бо «Империяи дониш» машғулиятҳо аз арифметикаи менталӣ дар се гурӯҳи синну солӣ ташкил карда шудааст:**
**Синфи 1-2;**
**Синфи 3-5;**

**Синфи 6-7**
**31-уми март 27 нафар хонандагони литсей, ки дар ин машғулиятҳо иштирок менамоянд, дар олимпиадаи ҷумҳуриявии «GENIUSKID TAJIKISTAN-2019» иштирок намуданд ва 9 медал ба даст оварданд.**
**Ҷойи 2-юм- 4 нафар**
**Ҷойи 3-юм – 5 нафар**
**8. Озмуни байналмилалии лоиҳаҳои илмӣ (MIYO-2019)**
**Ин озмун аз 12-ум то 14-уми апрели соли 2019 дар шаҳри Пенанг (Малайзия) шуда гузашт, ки дар он намояндагони 11 давлат ширкат намуданд. Дар ин озмун 12 нафар хонандагони литсей 6 лоиҳаро ба намоиш гузоштанд: 3-то аз фанни химия, 1-то аз фанни физика, 1-то доир ба экология, 1-то доир ба илми тиб. Ҳамаи лоиҳаҳо аз тарафаи ҳакамон баҳои баланд гирифтанд:**
**Ҷойи 1-ум (медали тилло) 4 лоиҳа;**
**Ҷойи 2-юм (медали нуқра) 1 лоиҳа;**
**Ҷойи 3-юм (медали биринҷӣ) 1 лоиҳа**
**Ҳамин тавр, хонандагони литсей 8 медали тилло, 2 медали нуқра ва 2 медали биринҷиро ба даст оварданд.**
**9. Озмуни байналхалқии лоиҳаҳо доир ба технологияи иттилоотӣ**
**«Infomatix Asia- 2019»**
**Ин озмун дар шаҳри Алмаато (Қазоқистон) аз 10 то 14-уми апрел баргузор шуд. 4 лоиҳа (7 нафар хонандагон) дар ин озмун пешниҳод гардиданд. Озмун дар ду давр доир гардид:**
**Даври 1-ум – презентатсияи лоиҳа;**
**Даври 2-юм – кори хаттӣ ва амалӣ доир ба самти кор.**
**Аз 4 лоиҳа 2 лоиҳа ҷойҳои ифтихориро соҳиб гардиданд- ҷойҳои 2-юм ва 3-юм.**
**Ҳамин тавр, дар озмуни мазкур хонандагон 1 медали нуқра ва 2 медали биринҷиродоир ба экология ба даст оварданд.**
**10. Озмуни байналхалқии лоиҳаҳо доир ба технологияи иттилоотӣ**
**Дар давлати Руминия, дар шаҳри Бухарест рӯзҳои 19 то 24-уми апрели соли 2019 озмуни байналхалқӣ доир ба лоиҳаҳо аз фанни технологияи иттилоотӣ баргузор гардид. Дар озмуни мазкур аз литсейи мо 12 нафар бо 6 лоиҳа иштирок намуданд ва 2 медали тилло, 10 медали биринҷиро ба даст оварданд. Бояд қайд намуд, ки дар ин озмун 36 давлати ҷаҳон бо зиёда аз 700 лоиҳа ширкат доштанд.**
**11. Озмуни лоиҳаҳо доир ба экология**
**Кабирова Маҳноза дар озмуни лоиҳаҳо доир ба экология бо номи «Тағирёбии иқлим», ки дар миқёси ҷумҳурӣ дар байни мактаббачагон баргузор гардид, бо лоиҳаи худ «Манфиатҳои экологии такроран истифодабарии зарфҳои пластикӣ» ширкат намуда, соҳиби ҷойи аввал гардид ва бо дипломи дараҷаи якум сарфароз гардонида шуд. Озмуни мазкур аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон , Барномаи Созмони**

**Миллали Муттаҳид (ПРООН) ташкил шуда, таҳти сарпарастию дастгирии Федератсияи Россия баргузор шуд. Кабирова Маҳноза аз 24-ум то 27-уми апрел бо ин лоиҳаи хеш Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар озмуни якуми байналхалқии лоиҳаҳои экологии мактаббачагон доир ба масъалаҳои «Тағирёбии иқлим», ки дар шаҳри Алмаатои давлати Қазоқистон баргузор гардид, муаррифӣ намуда, соҳиби ҷойи аввал ва медали тилло гардид.**

**12. Олимпиадаи ҷумҳуриявии даставии мактабҳои президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат Рӯзҳои 27-28-уми апрели соли 2019 даври ҷумҳуриявии олимпиадаи даставии мактабҳои президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат байни синфҳои 7-11 доир гардид. Дар он 519 довталаб аз рӯйи 11 фанни таълимӣ байни ҳам сабқат намуданд. Литсейи мо бо гирифтани 15 ҷойи ифтихорӣ (4 медали тилло, 5 медали нукра, 6 медали биринҷӣ) сазовори ҷоизаи дараҷаи дуюм гардиданд.**

**Дар давоми соли таҳсили 2019-2020 дар литсей даври якуми олимпиадаи фаннии мактаббачагон гузаронида шуд. Инчунин, аз 1 то 7-уми ноябри соли 2019 даври дуюми олимпиадаи фаннии мактаббачагон дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №96 аз рӯи ҷадвали зерин баргузор гардид:**

**1-уми ноябр- синфҳои 9**
**2-уми ноябр- синфҳои 10**
**4-уми ноябр- синфҳои 11**
**5-уми ноябр- синфҳои 5-6**
**7-уми ноябр- синфҳои 7-8**

**Аз литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин олимпиада 153 нафар хонандагон иштирок намуданд:**

**Синфи 9- 41 нафар**
**Синфи 10- 34 нафар**
**Синфи 11- 27 нафар**
**Синфи 5-6- 22 нафар**
**Синфи 7-8 – 29 нафар**

**Иштирокчиёни мо чунин дастовардҳоро ноил гардиданд ва дар байни муассисаҳои таълимии ноҳия сазовори ҷойи якум гардиданд.**

| Синфҳо | Ҷойҳо | | | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|
| | I | II | III | |
| 5-6 | 3 | 2 | 1 | 6 |
| 7-8 | 2 | 1 | 1 | 4 |
| 9 | 5 | 5 | 5 | 15 |
| 10 | 2 | 5 | 5 | 12 |
| 11 | 5 | 6 | 7 | 18 |

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби ҷавононро ба фаъолияти ташаббускор яке аз амалҳои муҳим ҳисобиданд. Айни замон, дар литсей дар ҳамкорӣ бо ҶДММ “Империяи дониш” машғулиятҳои “Мактаби маҳорати ташаббускорӣ ва нотиқӣ” (“Школа предпринимательство и ораторского мастерство”) барои хонандагони синфи 8-10 ва «Арифметикаи рӯҳӣ» («Ментальная арифметика») барои хонандагони синфи 1-7 дар литсей амал менамояд.**

**Аз 27-уми октябр то 3-юми ноябри соли 2019 дар шаҳри Анталияи давлати Туркия олимпиадаи XII-уми байналмилалии хонандагон доир гардид, ки аз муассисаи мо 4 нафар иштирок намуданд ва чунин дастовардро соҳиб шуданд:**

| т/р | Ному насаби хонанда | Синф | Ҷой | Фан |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Назарова Азиза | 9 «Г» | I | Забони англисӣ |
| 2. | Раҳимова Севинч | 10 «Г» | I | Забони англисӣ |
| 3. | Зокирзода Сафаргул | 10 «А» | I I | География |

**Аз 17-уми ноябр то 21-уми ноябр дар шаҳри Нурсултони Ҷумҳурии Қазоқистон бо мақсади интихоби лоиҳаи беҳтарин дар миқёси Осиёи Миёна чорабинии байналхалқии Central Asia Startup Show шуда гузашт, ки дар он зиёда аз 40 лоиҳа аз кишварҳои Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон ба намоиш гузошта шуд, ки аз ин 8 лоиҳа ҷойҳои ифтихориро ба даст оварданд. Дар байни ин 8 лоиҳаи ифтихорӣ, ки аз тарафи ҳакамон интихоб гардид, лоиҳаи ECOPLAST аз Кабирова Маҳноза - хонандаи литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дохил гардид.**

Сол ба сол сафи гирандагони стипендияи раиси ноҳия, раиси шаҳр ва гирандагони стипендияи президентӣ дар литсей меафзояд. Дар соли 2019 аз муассисаи мо гирандагони стипендияи раиси шаҳри Душанбе 37 нафарро ташкил медиҳад. Гирандагони стипедияи президентӣ бошанд, 2 нафар хонандагони синфҳои 11 мебошанд.

- иштирок дар озмун барои ба даст овардани стипендияи Раиси шаҳри Душанбе (аз литсей 127 нафар ширкат намуданд ва 37 нафар гирандагони стипендияи Раиси шаҳри Душанбе гардиданд);
- дар соли таҳсили 2019-2020 як нафар гирандаи стипендияи президентӣ хонандаи синфи 11 Исмоилӣ Дилноза мебошад. Аз 1-уми октябр то 1-уми ноябри соли 2019 ҳуҷҷатҳои гирандагони стипендияи Раиси шаҳри Душанбе ба раёсати кор бо ҷавонони шаҳри Душанбе пешниҳод шуданд. Аз литсей 266 довталаб ҳуҷҷатҳои худро пешниҳод намуданд ва аз 10.12.2019 сол то 26.12.2019 сол озмун барои гирандагони стипендияи Раиси шаҳри Душанбе баргузор мегардад.
-баргузории аттестатсияи омӯзгорон: дар таърихи 9-уми ноябри соли 2019 дар литсей 25 нафар омӯзгорону мураббиёни литсей аз рӯи нақша аз аттестатсияи навбатӣ гузаштанд ва чунин натиҷагузорӣ карда шуд: аз 25

нафар омӯзгороне, ки аз аттестатсияи навбатӣ гузаштанд, 10 нафар омӯзгорон ба вазифаи ишғолнамудаашон мувофиқ дониста шуда, ба тасдиқи дараҷаи тахассуси қаблан доштааш (олӣ) пешниҳод карда шуд, 3 нафар омӯзгорон ба дараҷаи тахассуси олӣ, 6 нафар омӯзгорон ба дараҷаи тахассуси якум, 5 нафар ба дараҷаи тахассуси дуюм пешниҳод гардиданд ва 1 нафар тахассуси қаблан доштааш (дуюм) тасдиқ карда шуд.

- баргузории озмуни "Хушхатнавис"; дар моҳи ноябр дар литсей озмуни "Хушхатнавис" дар се номинатсия гузаронида шуд ва рӯйхати ғолибони озмун барои пешниҳод намудан ба шуъбаи маорифи ноҳияи Сино омода гардид.

Дар таърихи 25.10.2019 сол барои омӯзгорону кормандони литсей конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи "Пиряхҳои худро ҳифз намоем" барпо шуд. Инчунин, дар литсей бо мақсади тарғиби худшиносию ватандӯстӣ, донистани ҳуқуқҳои худ ва дур будан аз амалҳои бад, нигоҳ доштани зиракии сиёсӣ ва пос доштани фарҳанги миллӣ бахшида ба ҷашнвораҳои таърихӣ чандин вохӯриҳо бо хонандагону волидон ва падару модарон доир гардид. Аз ҷумла, вохӯрӣ бо намояндагони ҳифзи ҳуқуқ дар таърихи 30.09.2019, 12.10.2019, 30.11.2019 сол суҳбат дар атрофи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", баргузор гардид.

Бахшида ба Рӯзи Президент дар литсей бо адибони шинохта –нависандаи халқии Тоҷикистон Кароматулло Мирзо ва сармуҳаррири нашрияи "Пайрав" шоир Хайрандеш вохӯрӣ доир шуд, ки хеле хотирмон ба анҷом расид.

**- санҷиши Гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот (ГИСТ) дар литсей;**

Дар аввали соли таҳсил бо фармони директори литсей бо мақсади назорати дохилӣ , санҷиши ҳолати таълим, сатҳи кори методии омӯзгорони фаннӣ ***Гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот(ГИСТ)*** таъсис дода шуд. Дар давоми соли таҳсил ГИСТ мувофиқи нақшаи тасдиқшуда фаъолият намуд. Натиҷаи кори ГИСТ дар ҷаласаҳои Шӯрои Методӣ, Шӯрои педагогӣ шунида, муҳокима карда шуд.

*дар долони литсей, ошёнаи якум гӯшаи «Сифати таҳсилот» ташкил карда шуд;

* аз моҳи январ то охири соли таҳсил, дар асоси нақшаи солона, ГИСТ аз рӯи нақшаи ҳармоҳаи фаъолияти хеш амал намуд. Дар соли нави таҳсил низ фаъолияти ГИСТ дар литсей идома ёфт ва аъзоёни ГИСТ то имрӯз аз рӯи нақшаи солона амал намуда истодаанд. Тибқи нақшаи солона дар моҳи сентябр соли ҷорӣ маводҳои таълимии ҳамаи фанҳо аз ҷониби роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва роҳбари ГИСТ омода гардиданд. Тибқи нақша моҳи октябр фанни забони русӣ дида баромада шуд. Ин санҷиш тариқи хаттӣ (диктант) ба роҳ монда шуд ва натиҷаи он дар гӯшаи «Сифати таҳсилот» гузошта шуд. Дар моҳи ноябр санҷиши фанни технологияи иттилоотӣ аз рӯи нақша ба иҷро расониад шуд. Дониши хонандагон аз ин фан тариқи тест ба роҳ монда шуд. Аз рӯи нақшаи ГИСТ дар литсей моҳи декабр ҳолати фанни таърих ва ҳуқуқ санҷида мешавад.

Аз тарафи маъмурияти литсей бо мақсади иҷроиши барномаҳои таълимӣ ва миқдори корҳои хаттӣ санҷишҳо доир гардид.

***Намудҳои назорати маъмурӣ ва фарогирии он.***

- Яксара
- Мавзӯӣ
- Фардӣ
- Умумӣ

| **Шаклҳои назорат** | **Объектҳои назорат** |
|---|---|
| Синфӣ (мустаҳкамкунӣ) | - сифати таҳсилот ва тарбияи хонандагони ин ё он синф<br>- сифат ва усулҳои таълимдиҳӣ дар синфҳо<br>- сифати фаъолияти роҳбари синф |
| Яксара (фронталӣ) | Ҳолати таълимдиҳии як қатор фанҳо дар ҳамаи синфҳо ё баъзеи онҳо |
| Мавзӯӣ | - фаъолияти ҷомеаи меҳнатӣ оиди ин ё он масъала ё мавзӯъ.<br>- сатҳи дониш ва маҳорату малакаи хонандагон аз рӯи ин ё он мавзӯъ |
| Фардӣ | - натиҷаи фаъолияти меҳнатии омӯзгорон, сатҳи корҳои методӣ дар шакли умум ёягон тарафи фаъолият |
| Умумӣ | - ҳолати ҳуҷҷатгузорӣ дар литсей<br>- ҳолати интизоми меҳнат<br>- ҳолати таҷҳизоти иттилоотӣ ва ғайра |

**Объектҳои назорати дохилилитсейӣ**

| **Объекти назорати дохилилитсейӣ** | **Паҳлуҳои асосии назорат** |
|---|---|
| Раванди таълим | - иҷрои барномаҳои таълимӣ;<br>- сатҳи дониш ва маҳорати хонандагон;<br>- сифатнокии кори омӯзгор;<br>- кори фардӣ бо хонандагон;<br>- сифати фаъолияти беруназсинфӣ аз рӯи фан. |
| Раванди тарбия | - сатҳи тарбияи хонандагон; сифати кори роҳбарони синфҳо; сифати чорабиниҳои анъанавии умумилитсейӣ;<br>- сатҳи саломатӣ ва тарбияи ҷисмонии хонандагон; |

| | |
|---|---|
| | - сифати корҳои профилактикӣ бо хонандагони душвор-тарбия. |
| Корҳои методӣ | - сатҳи корҳои методии ҳар як омӯзгор;<br>- тарзи паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ<br>- такмили ихтисоси омӯзгорон |
| Фаъолияти инноватсионӣ | Мутобиқати фаъолияти инноватсионӣ ба барномаи рушди литсей.<br>- дараҷаи асоснокии навоварӣ, сатҳи омодагии педагогҳо ва навоварӣ, фаъолияти илмӣ-тадқиқотии хонандагон |
| Таъмини раванди таҳсилот дар ҳолатҳои зарурӣ | - ҳифзи меҳнатӣ: ҳолати санитарӣ-гигиенӣ<br>- таъмини адабиёти таълимӣ<br>- таъмини таҷҳизот ва воситаҳои айёнии таълимӣ |
| Ҳуҷҷатҳои литсейӣ | - дурустӣ ва замонавӣ пур кардани парвандаҳои шахсӣ ва журналҳо<br>-ҳаҷми вазифаи хонагӣ дар дафтарҳо. Риояи талабот ба дафтардорӣ<br>- кори роҳбари синф бо рӯзномаҳои хонандагон |

**ТАҲЛИЛИ АТТЕСТАТСИЯИ АЗ СИНФ БА СИНФ ГУЗАРОНИДАН ВА ХАТМ**

**СИНФҲОИ ГУЗАРИШ**

Тибқи фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2019, №544 бо мақсади ба анҷом расидани соли таҳсили 2018-2019, ташкил ва гузаронидани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар синфҳои гузариш аз фанҳои зерин аттестатсия гузаронида шуд:

**Синфҳои 4-ум-** забони модарӣ (диктант), забони русӣ (диктант)-дар синфҳои таълимашон бо забони русӣ, математика (хаттӣ)

**Синфҳои 5-ум-**забони модарӣ (диктант), забони русӣ (диктант)-дар синфҳои таълимашон бо забони русӣ, математика (хаттӣ)

**Синфҳои 6-ум-** забони модарӣ (шифоҳӣ), забони русӣ (шифоҳӣ)-дар синфҳои таълимашон бо забони русӣ, математика (хаттӣ), забони англисӣ (шифоҳӣ) –дар синфҳои таълимашон англисӣ

**Синфҳои 7-ум-** адабиёт ( шифоҳӣ), забони русӣ (диктант)
**Синфҳои 8-ум-** география (шифоҳӣ), забони модарӣ (нақли хаттӣ), забони англисӣ (шифоҳӣ) –дар синфҳои таълимашон бо забони англисӣ
**Синфҳои 10-ум-** биология (тест), алгебра (хаттӣ), адабиёт (шифоҳӣ)

**Маълумотнома оиди натиҷаи аттестатсияҳои аз синф ба синф гузаронидан**

| **Соли таҳсил** | **Натиҷаи баҳоҳои аттестатсия** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **«5»** | | **«4»** | | **«3»** | | **«2»** | |
| | **Шумора** | **%** | **Шумора** | **%** | **Шумора** | **%** | **Шумора** | **%** |
| **2018-2019** | **596** | ***35,4*** | **757** | ***45*** | **291** | ***17,3*** | **37** | ***2,2*** |

## СИНФҲОИ ХАТМИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ АСОСӢ ВА ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар охири соли таҳсили 2018-2019 дар синфҳо 9-ум - 93 нафар хонанда таҳсил менамуд. Ба аттестатсияи хатм 93 нафар роҳ дода шуданд. Хонандагон аз 5 фанни таълимӣ аттестатсия супориданд:

-адабиёт (эссе)
-алгебра (хаттӣ)
-таърихи халқи тоҷик (шифоҳӣ)
-биология (шифоҳӣ)
-забони русӣ (диктант), забони давлатӣ (диктант)

***АТТЕСТАТСИЯ АЗ ФАННИ АДАБИЁТ (ЭССЕ)***

Маводи аттестатсия барои хатмкунандагон (корҳои хаттӣ, саволномаҳои шифоҳӣ) аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ дастрас карда шуд. Маводи аттестатсионӣ ба барномаи таълимӣ мувофиқат менамуд. Таҳлили натиҷаи аттестатсия нишон дод,ки хонандагон аз ӯҳдаи иҷрои супориш хуб баромаданд ва аз ҳама натиҷаи беҳтаринро синфи 9В нишон дод.

| СИНФ | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | «5» Шумораи хонандагон | «4» Шумораи хонандагон | «3» Шумораи хонандагон | % сифати таҳсил |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| **9 А** | Давлатова С. | 30 | 4 | 18 | 8 | 73,3 |
| **9 Б** | Давлатова С. | 33 | 3 | 23 | 7 | 78,8 |
| **9 В** | Ходжиева Н. | 30 | 21 | 9 | 0 | 100 |
| **ҲАМАГӢ** | | **93** | **28** | **50** | **15** | **83,9** |

***Аттестатсия аз фанни алгебра (хаттӣ)***

Маводи аттестатсия барои хатмкунандагон (кори хаттӣ) аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ дастрас карда шуд. Маводи аттестатсионӣ ба барномаи таълимӣ мувофиқат менамуд.

Кори хаттӣ аз 5 супориш иборат буда, барои ҳалли онҳо аз қисмҳои гуногуни барномаи таълимӣ дониш доштан лозим буд Дар иҷроиши супоришҳо 93 нафар хонандагон иштирок намуданд.

| СИНФ | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | Шумораи хонандагон, ки аттестатсияро супориданд бо баҳои | | | | Супориданд бо баҳои «4» ва «5» | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | «5» | «4» | «3» | «2» | Шумора | % сифати таҳсил |
| **9 А** | Комилҷонов С. | 30 | 9 | 6 | 15 | 0 | 15 | 50 |
| **9 Б** | Наврузов М. | 33 | 4 | 15 | 14 | 0 | 19 | 57,6 |
| **9 В** | Градскова И. | 30 | 13 | 10 | 7 | 0 | 23 | 76,7 |
| **ҲАМАГӢ** | | **93** | **26** | **31** | **36** | **0** | **57** | **61,3** |

***Аттестатсия аз фанни забони русӣ (давлатӣ)-диктант***

Маводи аттестатсия барои хатмкунандагон (кори хаттӣ) аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ дастрас карда шуд. Маводи аттестатсионӣ ба барномаи таълимӣ мувофиқат менамуд.

Хонандагон аттестатсияро бомуваффақият супориданд.

**Забони русӣ (забони давлатӣ) диктант**

| СИНФ | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | Шумораи хонандагон, ки аттестатсияро супориданд бо баҳои | | | | Супориданд бо баҳои «4» ва «5» | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | «5» | «4» | «3» | «2» | Шумора | % сифати таҳсил |
| **9 А** | Раҷабова З. | 30 | 10 | 18 | 2 | 0 | 28 | 93,3 |
| **9 Б** | Раҷабова З. | 33 | 3 | 21 | 9 | 0 | 24 | 72,7 |
| **9 В** | Назарова Р. | 30 | 9 | 17 | 4 | 0 | 26 | 86,7 |
| **ҲАМАГӢ** | | **93** | **22** | **56** | **15** | **0** | **78** | **84,2** |

**Натиҷаи аттестатсияи шифоҳӣ аз фанни биология**

| СИНФ | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | Шумораи хонандагон, ки аттестатсияро супориданд бо баҳои | | | | Супориданд бо баҳои «4» ва «5» | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | «5» | «4» | «3» | «2» | Шумора | % сифати таҳсил |
| **9 А** | Нусайриева Р. | 30 | 14 | 10 | 6 | 0 | 24 | 80 |
| **9 Б** | Акимбекова С. | 33 | 7 | 20 | 6 | 0 | 27 | 81,8 |
| **9 В** | Султонова М. | 30 | 8 | 15 | 7 | 0 | 23 | 76,7 |
| **ҲАМАГӢ** | | **93** | **29** | **45** | **19** | **0** | **74** | **79,6** |

**Натиҷаи аттестатсияи шифоҳӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик**

| СИНФ | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | Шумораи хонандагон, ки аттестатсияро супориданд бо баҳои | | | | Супориданд бо баҳои «4» ва «5» | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | «5» | «4» | «3» | «2» | Шумора | % сифати таҳсил |
| **9 А** | Мухторова М. | 30 | 7 | 8 | 15 | 0 | 15 | 50 |
| **9 Б** | Мухторова М. | 33 | 3 | 28 | 2 | 0 | 31 | 93,9 |
| **9 В** | Исмоилова М. | 30 | 20 | 9 | 1 | 0 | 29 | 96,7 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҲАМАГӢ | 99 | 30 | 45 | 18 | 0 | 75 | 75,8 |

**Натиҷаи аттестатсияи хатми таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9)**



# САТҲИ ТАҲСИЛ АЗ РӮИ НАТИҶАИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМИ СИНФИ 9



## МАЪЛУМОТ ОИДИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ (СИНФИ 11)

### Фанни адабиёт (эссе)

| СИНФ | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | «5» Шумораи хонандагон | «4» Шумораи хонандагон | «3» Шумораи хонандагон | % сифати таҳсил |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **11 А** | Афғонов С. | 30 | 11 | 19 | 0 | 100 |
| **11 Б** | Назарова Р.С. | 30 | 0 | 30 | 0 | 100 |
| **11 В** | Макаренко Н. | 23 | 5 | 18 | 0 | 100 |
| **ҲАМАГӢ** | | **83** | **16** | **67** | **0** | **100** |

### Фанни алгебра (хаттӣ)

| СИНФ | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | Шумораи хонандагон, ки аттестатсияро супориданд бо баҳои | | | | Супориданд бо баҳои «4» ва «5» | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | «5» | «4» | «3» | «2» | Шумора | % сифати таҳсил |
| **11 а** | Наврузов М. | 30 | 9 | 21 | 0 | 0 | 30 | 100 |
| **11 б** | Наврузов М. | 30 | 0 | 30 | 0 | 0 | 30 | 100 |
| **11 в** | Градскова И. | 23 | 3 | 16 | 4 | 0 | 19 | 82,6 |
| **ҲАМАГӢ** | | **83** | **12** | **67** | **4** | **0** | **79** | **95,2** |

**Фанни биология (шифохӣ)**

| Синф | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | Шумораи хонандагон, ки аттестатсияро супориданд бо баҳои | | | | Супориданд бо баҳои «4» ва «5» | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | «5» | «4» | «3» | «2» | Шумора | % сифати таҳсил |
| **11 а** | Акимбекова С. | 30 | 17 | 13 | 0 | 0 | 30 | 100 |
| **11 б** | Акимбекова С. | 30 | 9 | 19 | 2 | 0 | 28 | 93,3 |
| **11 в** | Султонова М. | 23 | 6 | 6 | 11 | 0 | 12 | 51,2 |
| **ҲАМАГӢ** | | **83** | **32** | **38** | **13** | **0** | **70** | **84,3** |

**Фанни геометрия (шифохӣ)**

| Синф | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | Шумораи хонандагон, ки аттестатсияро супориданд бо баҳои | | | | Супориданд бо баҳои «4» ва «5» | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | «5» | «4» | «3» | «2» | Шумора | % сифати таҳсил |
| **11 а** | Наврузов М. | 30 | 18 | 12 | 0 | 0 | 30 | 100 |
| **11 б** | Наврузов М. | 30 | 4 | 26 | 0 | 0 | 30 | 100 |
| **11 в** | Градскова И. | 23 | 7 | 12 | 4 | 0 | 19 | 82,6 |
| **ҲАМАГӢ** | | **83** | **29** | **50** | **4** | **0** | **79** | **95,2** |

**Фанни физика (шифохӣ)**

| Синф | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | Шумораи хонандагон, ки аттестатсияро супориданд бо баҳои | | | | Супориданд бо баҳои «4» ва «5» | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | «5» | «4» | «3» | «2» | Шумора | % сифати таҳсил |
| **11 а** | Муқимова Г. | 30 | 15 | 13 | 2 | 0 | 28 | 93,3 |
| **11 б** | Муқимова Г. | 30 | 13 | 17 | 0 | 0 | 30 | 100 |
| **11 в** | Мухаметшин Н. | 23 | 11 | 9 | 3 | 0 | 20 | 86,9 |
| **ҲАМАГӢ** | | **83** | **39** | **39** | **5** | **0** | **78** | **94** |

**Фанни химия (тестӣ)**

| СИНФ | Ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда | Шумораи умумӣ | Шумораи хонандагон, ки аттестатсияро супориданд бо баҳои | | | | Супориданд бо баҳои «4» ва «5» | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | «5» | «4» | «3» | «2» | Шумора | % сифати таҳсил |
| **11 а** | Мадатова Т. | 30 | 23 | 7 | 0 | 0 | 30 | 100 |
| **11 б** | Каримова Ш. | 30 | 15 | 15 | 0 | 0 | 30 | 100 |
| **11 в** | Каримова Ш. | 23 | 9 | 11 | 3 | 0 | 20 | 86,9 |
| **ҲАМАГӢ** | | **83** | **47** | **33** | **3** | **0** | **80** | **96,4** |

**Натиҷаи аттестатсияи хатми таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11)**


2018-2019 соли тахсил
90,0%
80,0%
70,0%
60,0%
50,0%
40,0%
30,0%
20,0%
10,0%
0,0%
0,0%
80,7%
19,3%
0,0%
хама бо бахои "5"
бо бахои "4" ва "5"
бо бахои "3"
бо бахои "2"
2018-2019 соли тахсил

**САТҲИ ТАҲСИЛ АЗ РӮИ НАТИҶАИ АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМИ СИНФИ 11**






Натиҷагузории аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм муайян намуд, ки 31 нафар хонандагон аз шумораи хонандагони синфҳои 4 то 7-ум ба аттестатсияи такрории тобистона мононда шуданд.

Аттестатсияи такрории тобистона дар литсей аз 20.08.-23.08.2019 сол давом ёфт ва натиҷаи он дар Шӯрои педагогии №1 (30.08.2019 сол) дида баромада шуд.

Мувофиқи фармоиши директори литсей аз 25.06. 2019 сол таҳти №70/1 комиссияи қабул кори худро дар литсей оғоз намуд. Пеш аз ҳама гӯша, маводҳои лозима, номгӯи ҳуҷҷатҳо, варианти саволномаҳо, (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) барои қабул ба синфи 1-ум омода гардид. Дар литсей аз санаи 24.07.2019 то 29.07.2019 сол довталабони синфи 1-ум аз тарафи комиссия номнавис гардиданд. Аз сабаби зиёд будани хоҳишмандон озмуни қабули синфи 1-ум дар муддати ду рӯз доир гардид ва кӯдаконе, ки ба синфи 1-ум тариқи озмун қабул

гардиданд, мувофиқи қарори маҷлиси комиссияи қабул аз 1.08.2019 сол ба машғулиятҳо фаро гирифта шуданд.

Мувофиқи нақша рӯзҳои 19.08.-29.08.2019 сол дар литсей озмуни қабул ба синфҳои 5-11 доир гардид, ки 210 нафар довталаб дар он ширкат намуданд. Ҳар як довталаб аз фанҳои забони модарӣ (забони давлатӣ), забони русӣ, забони англисӣ ва математика кори хаттӣ супориданд ва ин озмуни қабул дар Шӯрои №1 аз 30.08.2019 сол натиҷагузорӣ карда шуд. Маълум гардид, ки аз 210 нафар довталабон 65 нафари онҳо ҳуқуқи дар литсей таҳсил намуданро пайдо намуданд.

То охири чоряки 2-юм санҷиши дохилилитсейӣ чунин ба нақша гирифта шудааст:

| **т/р** | **Фанҳо** | **Синфи 5** | | | **Синфи 6** | | | **Синфи 7** | | | **Синфи 8** | | | **Синфи 9** | | | **Синфи 10** | | | **Синфи 11** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Корҳои хаттӣ** | **ГИСТ** | **Санҷиши тестӣ** | **Корҳои хаттӣ** | **ГИСТ** | **Санҷиши тестӣ** | **Корҳои хаттӣ** | **ГИСТ** | **Санҷиши тестӣ** | **Корҳои хаттӣ** | **ГИСТ** | **Санҷиши тестӣ** | **Корҳои хаттӣ** | **ГИСТ** | **Санҷиши тестӣ** | **Корҳои хаттӣ** | **ГИСТ** | **Санҷиши тестӣ** | **Корҳои хаттӣ** | **ГИСТ** | **Санҷиши тестӣ** |
| **1.** | **Забони тоҷикӣ** | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + |
| **2.** | **Адабиёт** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **3.** | **Забони давлатӣ** | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + |
| **4.** | **Забони русӣ(гр.т.)** | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + |
| **5.** | **Забони русӣ(гр.р.)** | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + |
| **6.** | **Забони англисӣ** | + | | + | + | | + | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | |
| **7.** | **Таърихи халқи тоҷик** | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | |
| **8.** | **Таърихи умумӣ** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **9.** | **Ҳуқуқ** | | | | | | | | | | | | + | | | + | | | + | | | + |
| **10.** | **Биология** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **11.** | **География** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **12.** | **Математика** | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + |
| **13.** | **Физика** | | | | | | | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + |
| **14.** | **Химия** | | | | | | | | | | | | + | | | + | | | + | | | + |
| **15.** | **Тех.иттил.** | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | | | + | |